*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №72 (2899) | ДУШАНБЕ, 11 ИЮНИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Тавофуқоти сафар татбиқ мешаванд

**Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 8 июни соли 2012 бо аъзои Ҳукумати ҷумҳурӣ, роҳбарони идораҳои назди Ҳукумат, масъулини Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони дахлдор машварати корӣ доир намуд.**

Дар машварат асосан масоили вобаста ба татбиқи амалии натиҷаҳои сершумору пурарзиши сафари Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарони сохторҳои дахлдор дастур дод, ки барои татбиқи босамари тавофуқоти зимни ин сафар ҳосилшуда нақшаи чорабиниҳо таҳия карда, пешниҳод намоянд.

Тавре зикр гардид, тайи ин сафар танҳо бо ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 10 санади нав доир ба ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёту роҳсозӣ, геология, кишоварзӣ, бонкдорӣ ва ғайра ба имзо расид.

Ба масъулин доир ба иҷрои тавофуқоти ҳосилшуда, аз ҷумла сохтмони Маркази барқу гармидиҳии дуюми шаҳри Душанбе, корхонаи сементбарорӣ дар ноҳияи Шаҳритус, корхонаҳои афинажӣ ва коркарди мис дар шаҳри Панҷакент, комбинати металлургӣ дар мавзеи Зарнисори шаҳри Қайроққум, иншооти иҷтимоӣ дар Панҷакенту Зарнисор, тезонидани бунёди нақбҳои Шаҳристону Чормағзак, омодасозии лоиҳаи нерӯгоҳҳои барқи обии «Нуробод-1» ва «Нуробод-2», кашидани хатҳои нави интиқоли неруи барқ, тавсиа додани корҳои геологӣ-иктишофӣ дар майдонҳои ояндадори нафту газ ва маъданҳои кӯҳӣ, рушди технологии соҳаи кишоварзӣ, ташкили технопаркҳо дар деҳот, омодасозии кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ дар ҳама соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди кишвар ва ғайра дода шуд.

Зимни машварат ба масъулини дахлдор ҳамчунин доир ба сарфакорона истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, хусусан дар ноҳияҳои кӯҳистон ва ҷоннок намудани корҳо дар дигар самтҳои фаъолият супоришҳои мушаххас дода шуд.

*www.prezident.tj*

## Дар бораи Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 14 июни соли 2012 соати $9^{00}$ дар толори маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12-13 июни соли 2012 аз соати $8^{00}$ то соати $17^{00}$ дар бинои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошёнаи дуюм, утоқи №231 ба қайд гирифта мешаванд. Телефонҳо: 10-42, 22-24, 221-81-28, 221-98-35.





Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**11 июни соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Рӯзномаи ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.

Ба баррасии аъзои Шӯро масъалаҳои нахустини рӯзнома – «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи доир намудани муҳокимаи парламентӣ «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» дар 5 моҳи соли 2012» пешниҳод гардиданд.

Масъалаҳои номбурдаро раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ У.Давлатов, оид ба иқтисод ва молия С.Раҷабов, оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология С.Ёқубзод, оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия А.Катаев, оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А.Азимов ва оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон М.Ватанов шарҳ доданд.

Аз рӯйи масъалаҳои мазкур, бо дарназардошти эроду пешниҳодҳои баёншуда, таври алоҳида қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд. Тибқи муқаррароти ин қарорҳо масъалаҳои номбурда ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод шуданд.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои зерини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондодҳо барои ҳисобҳо», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматчии давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, ин масъалаҳо барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Ҳамзамон қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои зерини рӯзнома – «Дар бораи таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба такмили лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ», «Дар бораи тамдиди мӯҳлати баррасии лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба тамдиди мӯҳлати баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» қабул шуданд.

Оид ба масъалаҳои охирини рӯзнома – «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуданд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров дар охири ҷаласа Грамотаҳои фахрии Ассамблеяи Байнипарламентии ИДМ-ро ба вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-М.Ҳидирова, Г.Рабиева ва медали ҷашнии 20-солагии созмони мазкурро ба роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ.Расулов ва мудири шӯъбаи робита бо кишварҳои хориҷии Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т.Разоқов супорид.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

## Барқияи шодбошӣ ба Осиф Алӣ Зардорӣ

**6 июни соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ барқияи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он аз ҷумла гуфта мешавад:**

«Ҷаноби Олӣ,

бо камоли мамнуният Шуморо бо санаи муборак дар таърихи муосири муносибатҳои байни давлатҳоямон - бистсолагии истиқрори муносибатҳои дипломатӣ сидқан табрику таҳният мегӯям.

Пас аз соҳибихтиёр гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои ба ҳам дӯсти мо ба муносибатҳои дипломатии хеш ҳусни оғоз бахшида, ба ташаккули шакли сифатан нави равобити байнидавлатӣ шурӯъ намуданд.

Дар давраи мазкур сатҳи муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Покистон дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, таъмини амнияти минтақавӣ ва илму фарҳанг хеле ҳам боло рафта, мутобиқи манфиатҳои аслии ду давлат ва халқҳояшон рӯз аз рӯз вусъат меёбанд.

Дар ин раванд муколамаи доимии сиёсӣ, аз ҷумла дар сатҳи олӣ, нақши хеле муҳим бозидааст.

Дар шароити имрӯза кишварҳои мо имкониятҳои фаровони тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди худро доранд.

Итминони комил дорам, ки бар асари кӯшишҳои минбаъдаи муштарак равобити гуногунҷанбаи байни кишварҳои мо боз ҳам рушду нумӯъ касб намуда, зина ба зина такомул хоҳанд ёфт.

Бо истифода аз фурсати фараҳбахш бо таҷдиди табрикоту шодбошҳо ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, сиҳатмандии комилу пирӯзиҳои нав ба нав ва ба мардуми дӯсту бародари Покистон саодату хушрӯзӣ ва пешрафту шукуфоӣ хоҳонам».

## Барқияи шодбошӣ ба Эмомалӣ Раҳмон

**6 июни соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барқияи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он аз ҷумла гуфта мешавад:**

«Бародари мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон,

аз номи Ҳукумати Покистон ва шахсан аз номи худам бо камоли мамнуният ва аз таҳти дил Ҳукумати Тоҷикистон ва мардуми тоҷикро бо бистсолагии барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ сидқан табрик мегӯям.

Аз давраи қадим давлатҳои мо муносибатҳои хуби фарҳангӣ доранд. Шоирону нависандагони мо дар ҳар ду давлат машҳуранд. Корҳои шоистаи онҳо мардуми ду давлатро боз ҳам ба ҳам наздиктар месозад.

Аз рӯзи барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ байни ду давлат аз 6 июни соли 1992 таҳти роҳбарии Шумо муносибатҳои мо дар соҳаҳои гуногун бемайлон тараққӣ карда истодаанд. Ман аз иштироки Шумо дар ифтитоҳи бахши Бонки миллии Покистон дар Душанбе бисёр миннатдор ҳастам. Бонк барои рушди муносибатҳои иқтисодии мо мусоидат хоҳад кард.

Умедворам Шуморо дар охири соли ҷорӣ дар Исломобод дар воҳӯрии Чорҷониба пазироӣ бикунам. Сафари Шумо ба Покистон боз такони хуб барои рушди бардавоми муносибатҳои мо хоҳад шуд.

Бисёр шод аз онам, ки муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва амниятии мо рӯз то рӯз рушд ёфта истодаанд. Бартараф шудани мушкилиҳои раводид мардуми ду кишварро ба ҳам наздик месозад ва туризм ҳам рушд хоҳад кард. Дарояндаи наздик парвозҳои мустақим дар нақша ҳастанд ва тараққиёти роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан низ дар мадди назар мебошанд.

Меҳмондории гарму самимии Шумо, Ҳукумати Тоҷикистон ва мардуми он ҳангоми сафари мо ба мамлакати зебои Шумо ҳамеша дар хотири ман хоҳад монд. Ҳангоми ин сафар якчанд масъалаҳои муҳим барои тараққиётиояндаи муносибатҳои дуҷониба баррасӣ шуданд.

Бародари азиз, барои Шумо ва мардуми Тоҷикистон саломатии бардавом, хушнудиву пирӯзӣ ва муваффақият хоҳонам.

Ман ин фурсатро ҷиҳати таҷдиди ғояти эҳтиром ба Шумо, бародари мӯҳтарам, ғанимат медонам».

*www.prezident.tj*

● Дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Қонунҳои барои ҷомеа муҳим дастгирӣ ёфтанд



Суратгир А. ИСОЕВ

**Ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия 9 июни соли 2012 таҳти раёсати Саидмурод Тағоев доир гардид.**

Баъд аз ифтитоҳи ҷаласа аъзои кумита рӯзномаи ҷаласаи навбатиро бо дарбаргирии масъалаҳои зерин тасдиқ намуданд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ».

Раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Саидмурод Тағоев масъалаҳои рӯзномаро таври алоҳида барои баррасӣ пешниҳод намуда, шарҳ дод. Аъзои кумита доир ба масъалаҳои мавриди муҳокима фикру мулоҳизаҳояшонро баён намуда, барои ҷомеа муҳим будани онҳоро зикр карданд.

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия аз рӯйи масъалаҳои баррасишуда таври алоҳида хулосаҳо қабул карда, онҳоро ба Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

## Марҳилаи дуюми обтаъминкунии пойтахтро баррасӣ карданд

**7 июни соли 2012 раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев ҳайати Бонки Умумиҷаҳониро таҳти сарварии намояндаи доимии Бонки мазкур дар Тоҷикистон хонум Марша Мак Гро Олив бо хоҳиши онҳо ба ҳузур пазируфт.**

Зимни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои марбут ба тақвияти чораҳо оид ба татбиқи марҳилаи дуюми Лоиҳаи бо обтаъминкунии шаҳри Душанберо, ки тӯли панҷ сол азхудкунии 16 млн доллари амрикоӣ гранти бебозгашти Бонки Умумиҷаҳонӣ ва 3 млн доллари амрикоӣ маблағгузории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанберо фаро гирифта, хизматрасонии қарзии Вазорати молияро дар ин самт ихтисор менамояд, мавриди баррасӣ қарор дода, чораёни корҳои анҷомгирифтаи лоиҳавиро мусбӣ арзёбӣ намуданд.

Зикр гардид, ки марҳилаи дуюми лоиҳа бахри ташкили фаъолияти самараноки КВД «Обу корези Душанбе» барои кам кардани талафот ва сарфаи оби истеҳсолшуда ба 76, 5 ҳазор муштариён (47 фоиз) насби ҳисобкунакҳои обӣ, беҳбудбахшии вазъи молиявӣ ва таъмини худмаблағгузорию рушди институтсионалӣ ва худидоракунии корхонаро дар бар мегирад, масъалаи бо ҷалби институтҳои донорӣ ва саҳмгузории шаҳрдорӣ дарёфти манбаъҳои иловагӣ оид ба насби саросарии ҳисобкунакҳои обӣ ба кулли муштариён ва пурра иваз намудани филтрҳои обполоишӣ дар истгоҳҳои дахлдори КВД «Обу корези Душанбе» ва ҷоннок намудани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ миёни муштариён тавассути воситаҳои ахбори омма мувофиқ ба мақсад мебошад.

Дар робита ба ин, Маҳмадсаид Убайдуллоев аз масъулини Бонки Умумиҷаҳонӣ, бо назардошти он ки ин тадбирҳои иловагӣ бахри ҳимояи ҳуқуқи истеъмолии сокинони шаҳр нигаронида шудааст, хоҳиш намуд, ки масъалаи мазкурро мавриди пажӯҳиш қарор дода, бахри амалисозии он пешниҳодоташонро ирсол доранд.

***Ш.САИДОВ***

● Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Суратгир А. ИСОЕВ

# Қонунҳо мукаммалтар мешаванд

**9 июни соли 2012 ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният баргузор гардид.**

Ҷаласаро раиси Кумита Мамадшо Илолов оғоз карда, ба баррасии аъзои Кумита масъалаҳои зеринро пешниҳод намуд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қисми якум), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба ташкил намудани деҳаи Ваҳдат дар ноҳияи Ванҷ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ванҷ» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба табдил додани маркази маъмурии навтаъсиси ноҳияи Шуғнон ба шаҳраки «Ваҳдат».

Аъзои Кумита Сайдулло Хайруллоев, Қаҳҳор Маҳкамов ва Қобиламоҳ Ғуломшоева нисбати масъалаҳои ба рӯзномаи ҷаласа пешниҳодшуда андеша ва пешниҳодҳои судмандро иброз намуданд. Барои ҷонибдории масъалаҳои мазкур таври алоҳида хулосаҳои кумита қабул шуд ва барои баррасӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

***Тиллои НЕКҚАДАМ,***
***«Садом мардум»***

# Ҷонибдории қонунҳоро саривақтӣ донистанд



Суратгир А. ИСОЕВ

**9 июни соли равон таҳти раёсати Убайдулло Қурбонов ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа баргузор шуд.**

Аз суханронии ифтитоҳии номбурда маълум шуд, ки рӯзномаи ҷаласа масъалаҳои зерин: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ»-ро дар бар мегирад.

Аъзои кумита масъалаҳои зикршударо таври алоҳида мавриди баррасии амиқу доманадор қарор дода, дар маҷмӯъ онҳоро қобили қабул донистанд. Дар фарҷоми ҷаласа вобаста ба масъалаҳои баррасишуда хулосаҳои кумита дар алоҳидагӣ ба Иҷлосияи нӯҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардиданд.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***



Суратгир А. ИСОЕВ

# Мақсади қонунҳо - беҳдошти кишоварзӣ

**9 июни соли 2012 ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология баргузор гардид.**

Раиси кумитаи мазкур Давлатшоҳ Гулмаҳмадов ҷаласаро ифтитоҳ намуда, аъзои кумитаро бо рӯзномаи ҷаласа, ки аз ду масъала:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» иборат буд, шинос кард. Сипас муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома оғоз ёфт.

Раиси кумита зимни муаррифии масъалаи аввал аз ҷумла иброз дошт, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо» бо мақсади мукаммал гардонидани қонуни амалкунанда ва мутобиқ намудани он ба талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо қабул гардидааст.

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» низ бо мақсади мукаммалу мутобиқгардонӣ, инчунин тақвият бахшидан ба раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо қабул гардидааст, - гуфт Давлатшоҳ Гулмаҳмадов ва ба суханонаш афзуд:

- Қонун аз ду модда иборат буда, тибқи моддаи 1-уми он ба қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» як қатор тағйиру иловаҳо ворид шудааст.

Аз ҷумла ба моддаи 1-уми қонуни амалкунанда сархати нави дувоздаҳум илова шудааст, ки он аз табъиз (дискриминатсия), яъне муқаррар намудани ҳуқуқи пасттар барои ягон давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии он нисбат ба давлати дигар, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии он, иборат мебошад.

Ғайр аз ин, дар сархати якуми моддаи 4 пеш аз калимаи «пешбурди» калимаҳои «тасдиқ ва» илова шудааст, ки тибқи он, минбаъд ба ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатии байтории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва пешбурди феҳристҳои давлатӣ ва аккредитатсияи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ҳайвонот, маҳсулоти он, хӯрок ва иловаҳои хӯроки ҳайвонотро ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид месозанд, дохил мешавад.

Ҳамзамон ба қонун як қатор тағйиру иловаҳои дигар ворид гардида, ба масъалаҳои беҳдошти шароити нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти занбӯри асал, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар мувофиқа бо сарнозирони давлатии байторӣ муайян намудани роҳҳои чорвогузар, бо назардошти вазъи эпизоотии маҳал ва ғайра, иртибот доранд.

Аъзои кумита зимни муҳокимаи ҳар ду масъалаи рӯзнома фикру пешниҳодоти судманд иброз намуда, доир ба масъалаҳои мавриди баррасӣ таври алоҳида хулосаҳо қабул карда, ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карданд.

***Абдулмаҷид МУРОДОВ,***
***«Садои мардум»***

# Қонунҳо баррасӣ ва хулосаҳо пешниҳод гардиданд

**9 июни соли 2012 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Иброҳим Абдуллоев ҷаласа доир гардид.**

Дар ҷаласа масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мӯъминободи вилояти Хатлон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Дар бораи тағйири сарҳади ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таъсис додани деҳаи Ваҳдати деҳоти Водхуди ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон».

Бо мақсади ҷонибдории масъалаҳои мазкур, таври алоҳида хулосаҳои кумита қабул ва барои баррасӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

***Мирзо НУРАЛИЕВ,***
***«Садои мардум»***



Суратгир А. ИСОЕВ

# Ваколати Бахтиёр Худоёров тасдиқ гардид

**10 июни соли 2012 дар Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳаммад Шоҳиён ҷаласа баргузор гардид.**

Дар он натиҷаҳои интихоботи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази узви хориҷшуда аз ҳавзаи интихоботии шаҳри Душанбе №4 мавриди баррасӣ қарор ёфт.

Оид ба натиҷаҳои интихобот раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳаммад Шоҳиён зикр намуд, ки тибқи талаботи моддаи 57 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сурати пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати аъзои Маҷлиси миллӣ интихоботи нав дар муддати се моҳи баъди қатъ гардидани ваколати онҳо гузаронида мешавад. Мутобиқи моддаи 29 қонуни мазкур аъзои Маҷлиси миллӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи намояндагӣ интихоб мешаванд.

Нӯҳуми июни соли равон дар ҳавзаи интихоботии шаҳри Душанбе №4 интихоботи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази узви хориҷшуда баргузор гардид. Дар он аз шумораи умумии 216 нафар вакилони интихобкунанда 187 вакил иштирок намуд, ки 86,5 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, тибқи талаботи моддаи 43 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» интихобот баргузоргардида ҳисобида шуд.

Баъд аз ҳисоб намудани овозҳо муайян гардид, ки Худоёров Бахтиёр Таварович - узви Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо гирифтани аксарияти овозҳои вакилони интихобкунанда, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Тибқи талаботи моддаи 56 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон узви интихобгардидаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Худоёров Бахтиёр Таварович ба қайд гирифта, ваколати ӯ тасдиқ шуд.

***Муҳаммад ЗОКИР,***
***«Садои мардум»***

● Паём дар омӯзиш

# Ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад



Бо мақсади ташвиқу тарғиб ва дар байни мардум бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба нишондодҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷамоати деҳоти Султонободи ноҳияи Рӯдакӣ аз ҳисоби вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва намояндагони маҳалҳо гурӯҳи корӣ таъсис шудааст. Вохӯрии гурӯҳи кории мазкур бо сокинону омӯзгорон, кормандони тиб ва кишоварзони деҳаҳои Султонобод, Меҳнат, Чинор, Истиқлол, Меҳргон, Балхӣ, Баҳор, Иттифоқ хотирмон буд.

-Паёми Президенти кишварамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни сокинон, омӯзгорону кормандони тиб ва кишоварзони деҳоти Султонобод рӯҳбаландии калон ба амал овард,- гуфт зимни сӯҳбат раиси Ҷамоати деҳоти мазкур Муҳиддин Норбутаев, -Ин ҳуҷҷати навбатиест, ки ба беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, аҳли зиё нигаронида шуда, ягонагии қавлу амали Сарвари давлатамонро, дар хусуси он ки дар сиёсати давлат ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, иқтисодиёт мавқеи афзалиятнок дорад, бори дигар собит менамояд. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бешубҳа, барномаи амал дар тамоми соҳаҳо қарор гирифтааст.

Мо дар фаъолияти ҳаррӯза барои татбиқи супоришҳои Сарвари давлат, ки баҳри беҳбуди зиндагии мардум, аз ҷумла паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолии деҳот равона шудааст, тамоми қувва ва маҳорати худро сафарбар менамоем,- иброз дошт М. Норбутаев.

***Муҳаммад ЗОКИР,***
***«Садои мардум»***

●Ба ифтихори 15-солагии Ваҳдати миллӣ

# Сарвати бебаҳоро гиромӣ бояд дошт




Ҳукумати тозатаъсис бо сарварии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъдан аз соли 1994 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти худро барои ба ватани азиз баргардонидани ҳазорон фирориёни тоҷики дар хоки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Покистон ва Эрон буда шурӯъ намуд. Аз иштибоҳи бузурги таърихии солҳои бистум медонем, ки ҳазорон нафар хешу ақрабои мо аз тарси режими он солҳо ва хиёнати душманони миллат, хусусан пантуркистон, ки аксари онҳо дар либоси комиссарони сурх ба Бухорои Шарқӣ ҳамроҳи аскарони сурх омада буданд, аз Ватан беватан шуда буданд. Бештари онҳо аҳли илму зиё буданд ва ба хоки Афғонистон паноҳ бурда, аз тарси таъқиботи болшевикон ному насабашонро низ тағйир дода, аз пайвандону ақрабои худ умрбод ҷудо гашта буданд. Сиёсати ҳамондавраи Иттиҳоди Шӯравӣ иҷозати ҷустуҷӯй намудани хешу ақраборо намедод.

Ҳукумати Тоҷикистон баъди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар муддати кӯтоҳ тавонист ҳамватанони гурезаро ба макони аслии зисташон баргардонад.

Баъд аз ба Ватан баргаштани мардум вазифаи дигар ва муҳимтаре, ки Ҳукумат пеш гирифт, ин бо қувваҳои низомии мухолифини давлат ба хотири якпорчагии Тоҷикистон ва барқарор намудани сулҳу суботи кишвар ваҳдату созиш намудан буд.

Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои мулоқоти расмӣ ва ба хотири пойдории Тоҷикистон чандин маротиба ба Афғонистон сафар намуда, бо роҳбарони мухолифини тоҷик зарурияти Ваҳдати ягонаро дар байни мардуми тоҷик ба миён гузошт.

Ҷасорату матонат ва боварии ба Сулҳу Ваҳдат доштаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар дили ҳазорон ҳамватанони дар яъсу ноумедӣ афтода чароғи боувариро ба оянда нек равшан сохт.

Онҳо боварӣ ҳосил намуданд, ки Ватани азизамон, сарфи назар аз ҳамаи мушкилот, побарҷост ва интизори ҳар як тоҷику тоҷикистонист.

Маҳз Ваҳдату ягонагӣ буд, ки Тоҷикистон, махсусан манотиқе, ки он ҷо даргириҳо зиёд шуда буд, дар муддати хеле кӯтоҳ ободу зебо гардид. Даҳҳо мактаб ва марказҳои маишиву фароғатӣ, беморхонаҳову дармонгоҳҳо барои хидмати мардум сохта шуд.

Ваҳдати мардуми тоҷикро тамоми мардуми сайёра истиқбол гирифт ва таҷрибаи сулҳи тоҷиконро Созмони Милали Муттаҳид барои кишварҳое, ки солиёни зиёд дар дохили онҳо ҷангҳои шаҳрвандӣ идома дорад, ҳамчун дастурамал пешниҳод намуд. Ваҳдати миллӣ рӯҳияи худшиносии мардуми тоҷикро боло бурд. Имрӯз мардуми тоҷик барои раҳоӣ аз бунбастҳои энержию коммуникатсионӣ паҳлу ба паҳлу дар иншооти азими кишвар содиқона меҳнат мекунанд.

Мо ҳамеша ифтихор дорем дар чунин кишваре, ки мардуми шарифу фарҳанги воло дорад, зиндагӣ мекунем ва ҳамеша мекӯшем Ваҳдати миллиро эҳтирому ҳифз намоем.

***Ализода Манучеҳри САИДХӮҶА,***
***иҷрочии Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе***

# Наваскарон савганд ёд карданд

Дар майдони сафороии қисми низомӣ - Маркази таълимии Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими савганди ҳарбии наваскарон баргузор гардид.

Бештар аз 700 нафар наваскарон дар ҳузури падару модаронашон аз вилоятҳои Суғду Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру навоҳии тобеи марказ савганди низомӣ ёд карданд.

Марзбононро ба ифтихори ин санаи муҳими фаромӯшношуданӣ - ёд кардани савганди ҳарбӣ ва шомил шудан ба сафи неруҳои марзии мамлакат сардори Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал лейтенант Шералӣ Мирзо, муовини сардори Сарраёсат, сардори раёсати корҳои тарбиявӣ полковник Сайидамир Одинаев, котиби ҷамъиятии собиқадорони Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон полковники мустаъфӣ Сайфулло Мӯсоев, сардори раёсати ҷангии сарраёсат полковник Баҳриддин Муминҷонов ва командири қисми ҳарбӣ подполковник Зафар Ӯзбеков самимона шодбош гуфтанд.

Дар фарҷом ба сарбозону афсарон ва падару модарони наваскарони тозадаъватшуда дастаи ҳунарии «Марзбон» - и Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарпарастии Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Ҷумахон Сафаров консерти идона намоиш дод.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»,***
***Абдусаттори ГУЛАҲМАД***
***мухбири низомӣ.***

●Довталаб-2012

# БО АЗМИ ҚАВӢ ВА ДОНИШИ МУКАММАЛ БА МАҚСАД МЕТАВОН РАСИД

***Роҳбарияти Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино имсол низ раванди таъмини шаффофияти маъракаи қабули довталабонро беш аз пеш тақвият бахшида, тамоми шароитро фароҳам овардаанд, ки танҳо беҳтаринҳо донишҷӯйи ин муассисаи бонуфузи таҳсилоти олии касбӣ гарданд.***

***Дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз соли 2006 инҷониб ба таъмини пурраи шаффофияти раванди маъракаи қабул таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ба он ноил гаштаанд, ки боварии довталабони ин муассисаи таҳсилоти олии касбиро бобати шомили донишгоҳ гаштан бидуни «восита» эҳё намоянд. Сӯҳбате, ки бо узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори донишгоҳ, доктори илмҳои тиб, профессор Убайдулло ҚУРБОНОВ доир намудем, ба ин масъала рӯшанӣ меандозад.***

***-Убайдулло Абдуллоевич, барои хонандагони рӯзнома ҷолиб аст, ки имсол маъракаи қабули довталабон ба донишгоҳ чӣ гуна сурат хоҳад гирифт?***

-Маъракаи зикршуда аз ҷумлаи чорабиниҳои ҷиддӣ маҳсуб ёфта, ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба ин вазифа таъин гаштанам якҷоя бо аҳли донишгоҳ мо ба он аҳамияти аввалиндараҷа медиҳем. Ҷоиз ба зикр аст, ки ҷаҳду талошҳои мо дар ин ҷода барабас нарафта, рӯз то рӯз афзудани эътимоди довталабон ба шаффофияти ин маърака далели возеҳи ин гуфтаҳост. Комиссияи қабули донишгоҳ қабули ҳуҷҷатҳои довталабонро 20 июн шурӯъ мекунад.

Дар ҳамин радиф зикр намудан бамаврид аст, ки «Қоидаҳои қабули довталабон ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино барои солҳои 2012-2013» дар асоси «Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2012-2013» тартиб дода шудааст. Мӯҳлати таҳсил дар факултети тиббӣ 6 сол, стоматология 5 сол, фармасевтӣ 5 сол ва нигоҳдории тандурустии ҷамъиятӣ 5-6 сол мебошад.

Табиист, ки чун дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар донишгоҳи мо таҳсил буҷавӣ ва шартномавӣ амалӣ мегардад.

***-Оё соли ҷорӣ ба маъракаи қабули довталабон ба донишгоҳ ягон навгонӣ ворид шудааст ё не?***

-Бале. Тавре дар оғози сӯҳбат зикр гардид, таъмини пурраи шаффофияти маъракаи қабул яке аз ҳадафҳои асосии фаъолияти банда ба сифати ректори донишгоҳ аст. Ва ҳар навгоние, ки ҳамасола ба ин маърака ворид мешавад, дар навбати аввал барои таҳкимбахшии ин ҳадаф нигаронида шудааст. Соли равон бо қарори шӯрои олимони донишгоҳ баъзе самтҳои маъракаи қабул такмил дода шуд, ки ворид намудани 40 саволи тес-тии шакли кушода, аз ҷумла 5 савол аз фанни математика, аз байн бурдани коэффисиент барои як қатор шаҳру ноҳияҳои мамлакат ва тариқи истисноӣ муқаррар намудани коэффисиент барои баъзе шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

***-Мафҳуми саволҳои шакли кушодаро чӣ гуна шарҳ медиҳед? Ба имтиҳони тестӣ ворид намудани онҳо ва панҷ савол аз фанни математика чӣ зарурат дорад?***



-Саволҳои шакли кушода он саволҳое мебошанд, ки бидуни ҷойгир намудани чанд намуди ҷавоб, ки яке аз онҳо дуруст аст, ба рӯйхати саволҳои имтиҳони тестӣ ворид шуданд. Маъмулан дар имтиҳони тестии донишгоҳ шакли пӯшидаи саволҳо, яъне савол бо панҷ ҷавоб, ки якеаш дуруст аст, роиҷ буд, вале таҷрибаи чанд соли охир нишон дод, ки аз чунин тарзи кор баъзе довталабон ва репититорҳои онҳо «сӯйистифода» менамоянд, зеро таъмини пурраи шаффофият ва истифодаи шакли пӯшидаи саволҳо шароит фароҳам оварда буд, ки довталабон ва репититорҳои онҳо ба ин раванд мутобиқ шаванд. Аз ҷониби дигар, баъзе довталабоне, ки донишашон бояду шояд ҷавобгӯйи талабот набуд, дар заминаи таваккал намуданашон ҳангоми интихоб аз посухи пешниҳодгашта комёб мегаштанд. Бо назардошти ин омилҳо, чунин тасмим гирифта шуд. Ин тарзи кор боис мегардад танҳо онҳое, ки воқеан ҳам дониши хуб доранд, аз имтиҳони тестӣ натиҷаи хуб ба даст оранд. Дар посухи қисмати суолатон вобаста ба зарурати ворид намудани панҷ савол аз фанни математика бояд гӯям, ки иқдоми мазкур тақозои замон аст, зеро довталабе, ки дар бораи математика тасаввурот надошта бошад, наметавонад дар оянда фаъолияташро ба сифати табиб пурсамар анҷом диҳад. Гуфтан бамаврид аст, ки ин саволҳо на тариқи илова ба саволҳои пеш мавҷуда, балки аз ҳисоби ихтисор намудани саволҳои фанни физика аз 20 ба 15-то амалӣ гардид. Дар маҷмӯъ, тавре зикр гардид, ин иқдом замина фароҳам меорад, ки воқеан беҳтаринҳо комёб гарданд.

***-Аз байн бурдани коэффисиент барои бархе аз шаҳру ноҳияҳо ва тариқи истисноӣ ҷорӣ намудани коэффисиент барои баъзе шаҳру ноҳияҳои дигарро сабаб чӣ буд?***

-Имрӯз нарасидани табибон дар қисми зиёди шаҳру ноҳияҳои кишвар, хусусан ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, яке аз мушкилоти асосии соҳа маҳсуб меёбад. Ин нукта борҳо зимни суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид гашта, масъулин барои чораандешӣ дар ин самт вазифадор шуда буданд. Бо мақсади пешниҳоди имтиёз ба довталабони ин минтақаҳо бо қарори шӯрои олимони донишгоҳ вобаста ба сатҳи норасоии табибон коэффисиентҳои 1:1, 1.2 ва 1.3 муқаррар шудаанд. Коэффисиенти 1.1 барои шаҳру ноҳияҳое, ки ба 10000 аҳолӣ 10-12 нафар духтур рост меояд, коэффисиенти 1.2 барои минтақаҳое, ки ба ҳамин миқдор шаҳрвандон 7-10 нафар духтур хизмат мерасонанд ва коэффисиенти 1.3 барои шаҳру ноҳияҳое, ки ба нишондиҳандаи зикршуда 7 нафар духтур рост меояд, пешбинӣ шудаанд.

***-Шояд қисми зиёди хонандагон бобати чӣ гуна имтиёзро дар бар гирифтани ин коэффисиентҳо маълумоти кофӣ надошта бошанд. Бинобар ин, хуб мешуд, ки ин масъаларо шарҳ медодед…***

-Бо камоли майл. Пешниҳоди коэффисиентҳо ба довталабон имкон медиҳад, ки иловатан ба холҳои ба даст овардаашон, вобаста ба шакли коэффисиент, холҳоро соҳиб шаванд. Масалан, агар довталаб 150 хол ба даст оварда бошад, дар сурати имкони дастрасӣ ба коэффисиенти 1.1 доштанаш шумораи холҳои ӯ ба 165 баробар мешавад. Яъне, холҳои ӯ ба шарофати коэффисиенти зикршуда 15 -то зиёд мешавад. Маҳз ҳамин омил боис шуда буд, ки дар шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб аз коэффисиентҳо тариқи сохтакорӣ «сӯйистифода» намоянд. Масалан, довталаб аслан зодаи шаҳри Душанбе аст, вале бо мақсади муфт ба даст овардани хол-ҳо муваққатан худашро дар ноҳияҳои Варзоб ё Рӯдакӣ ба қайд мемонад.

Чунин тарзи корро баъзе довталабони шаҳри Кӯлоб низ тариқи худро бо қайди ноҳияи Кӯлоб мондан истифода менамуданд. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки коэффисиентро барои ноҳияҳои Варзоб, Рӯдакӣ ва Кӯлоб аз байн бардорем, зеро дар баробари сабаби зикршуда вазъи таъминоти аҳолии онҳо бо табибон низ дар муқоиса бо дигар шаҳру навоҳии кишвар бамаротиб беҳтар аст. Дар ҳамин росто, тариқи истисноӣ, бо назардошти хеле кам будани теъдоди довталабон, назаррас будани норасоии табибон барои довталабони ноҳияҳои Рӯшон, Ванҷ, Дарвоз, Панҷ ва шаҳрҳои Истиқлолу Роғун коэффисиенти 1.1 муқаррар шуд.

***-Ҳамасола бо истинод ба далелҳои гуногун дигар донишгоҳу донишкадаҳо арзиши таҳсили гурӯҳҳои шартномавиро боло мебардоранд, вале соли гузашта ва имсол низ нархи таҳсил дар чунин гурӯҳҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино бетағйир мондааст.***

-Воқеан ҳам тайи солҳои охир роҳбарияти донишгоҳ, бо назардошти вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа, арзиши таҳсилро барои гурӯҳҳои шартномавӣ бетағйир мондааст. Ҳол он ки барои баланд намудани нарх сабаб ва зарурати асоснок мавҷуд буд. Айни замон маблағи яксолаи таҳсил барои гурӯҳҳои шартномавии факултети тиббӣ- 1000 доллари амрикоӣ, стоматологӣ -1200 доллари амрикоӣ, фармасевтӣ -700 доллари амрикоӣ ва нигоҳдории тандурустии ҷамъиятӣ -550 доллари амрикоиро мутаносибан бо қурби асъори миллӣ ташкил медиҳад.

***-Ҷойи шубҳа нест, ки эътимоди довталабон бобати бидуни «восита» ва танҳо дар заминаи донишу малакаи хеш донишҷӯйи донишгоҳ шудан рӯз то рӯз меафзояд. Далели возеҳи ин дар радифи дигар омилҳо бамаротиб зиёд гаштани теъдоди муҳассилини гурӯҳҳои омодагии донишгоҳ мебошад.***

-Ман аз рӯзи аввали ба ин вазифа таъин шуданам мақсад пеш гузошта будам, ки барои татбиқи сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон тамоми донишу малакаамро баҳри ҷавобгӯйи талабот намудани сатҳу сифати таълиму тарбия, мустаҳкам намудани заминаи моддиву техникии донишгоҳ ва таъмини пурраи шаффофияти маъракаи қабул равона менамоям. Табиист, ки одилонаву объективона баргузор намудани маъракаи қабул дар ин ҷода мавқеи хос дорад ва ман ба ҳеҷ ваҷҳ аз роҳи интихобкардаам пас нахоҳам гашт. Яъне, довталабони гиромӣ дилпур бошанд, ки азми мо дар ин самт қавист.

Вобаста ба гурӯҳҳои омодагии донишгоҳ бояд зикр намоям, ки воқеан ҳам сол то сол сафи хоҳишмандони таҳсил дар онҳо афзуда, айни замон шумораи онҳо 937 нафарро ташкил медиҳад.

Чунин тасмими довталабон ҳоҷат ба шарҳу эзоҳи зиёдатӣ надорад, зеро онҳо мӯътақиданд, ки агар дониши хуб дошта бошанд, ҳатман ба мақсад мерасанд.

***-Дар ҳамин радиф, саволе пайдо мешавад, ки чаро теъдоди довталабони гурӯҳҳои шартномавӣ дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино тамоюли афзоиш касб намудааст?***

-Саволи хеле бамаврид. Хонандагони азизи рӯзнома бояд донанд: донишҷӯе, ки донишгоҳи моро тариқи буҷавӣ хатм намудааст, ӯҳдадор мешавад, ки се сол дар муассисаи тиббии тибқи роҳхат равоншуда фаъолият намояд. Барои донишҷӯёни гурӯҳҳои шартномавӣ бошад, чунин талабот мавҷуд нест. Ҳамагон шоҳиди бевоситаи он ҳастем, ки рӯз то рӯз талабот ба мутахассисони омоданамудаи донишгоҳ дар хориҷи кишвар меафзояд. Далели возеҳи ин баҳои баланд гирифтани фаъолияти табибони тоҷик аз ҷониби роҳбарияти Ҷумҳурии Яман зимни сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин кишвар аст. Аз ин бармеояд, ки қисми зиёди онҳое, ки ба гурӯҳҳои шартномавӣ ҳуҷҷат месупоранд, нияти дар хориҷи кишвар ва ё муассисаи тиббии мехостаашон дар дохили ҷумҳурӣ фаъолият намудан доранд. Ман пурра кафолат медиҳам, ки аз ҷониби мо ҳуқуқи ягон довталаб дар ин ҷода, яъне ба кадом гурӯҳ ҳуҷҷат супориданаш, поймол нашудааст ва онҳо комилан соҳибихтиёранд.

***-Ба Шумо барои сӯҳбати ошкорову самимӣ арзи сипос менамоем.***

-Саломат бошед.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

---

## ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи Абӯалӣ ибни Сино

## Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои соли таҳсили 2012-2013

**Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2012-2013», Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ойинномаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино таҳия шудааст.**

Ба курси якуми ҳамаи факултетҳои ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино шаҳрвандони то 35-солаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мешаванд, ки шаҳодатномаи намунаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, дипломи намунаи давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки дар он гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ қайд шудааст ва инчунин дипломи намунаи давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ доранд.

Дар ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино омодасозии мутахассисон аз ҷумлаи шаҳрвандони Тоҷикистон ба тариқи буҷавӣ ва шартномавӣ амалӣ мегардад. Пардохти музди яксолаи таҳсил барои гурӯҳҳи шартномавии факултети тиббӣ – 5300 сомонӣ, стоматологӣ – 5890 сомонӣ, фармасевтӣ – 3830 сомонӣ ва нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ – 2670 сомониро ташкил медиҳад. Маблағи зикршуда мутаносибан ба курси 4,8 доллари ИМА гирифта шуда, рӯзи пардохт маблағи таҳсил бо назардошти ивазшавии курси доллари ИМА амалӣ мегардад.

Шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, инчунин хориҷиёну шахсони бетабааи муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино мувофиқи шартномаву созишномаҳои байнидавлатӣ фақат аз тариқи шартномавӣ дар сурати доштани ҳуҷҷати баробарэътирофи таҳсилот ва супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ ва пардохти музди таълим қабул карда мешаванд. Барои тоҷикони бурунмарзӣ (тоҷикони аққалиятҳои миллии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил) дар мавриди аз рӯйи қоидахои умумӣ супоридани имтиҳонҳои қабул ва муваффақ гардидан ба холи гузариш, пардохти маблағи таҳсил ҳамчун шаҳрвандони ҷумҳурӣ амалӣ мегардад.

Қабули шаҳрвандони Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ ба ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино барои гирифтани таҳсилоти дуюми олӣ танҳо дар асоси шартнома (пулакӣ) сурат мегирад.

Таҳсил дар ДДТТ рӯзона аст. Мӯҳлати таҳсил мувофиқи «Консепсияи ислоҳоти тиббӣ ва фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008 таҳти №512 тасдиқ гардидааст, дар факултети тиббӣ 6 сол, стоматологӣ 5 сол, фармасевтӣ 5 сол ва нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ 5-6 сол мебошад.

***Довталабон ба комиссияи қабул ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:***

- ариза ба номи ректор;
- ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти умумӣ (пурра), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ намунаи давлатӣ – нусхаи аслӣ;
- маълумотномаи тиббӣ (шакли №086У);
- 6 адад сурат (андозаи 3х4 см);
- шиноснома;
- билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи ҳарбии даъватшаванда;

Духтарон ва писарон, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия мешаванд, бар иловаи ҳуҷҷатҳои дар боло номбаршуда бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:

- қарори Шӯрои педагогии мактаб;
- тавсияи шӯъбаи маорифи ноҳия ё шаҳр;
- роҳхати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ё шаҳр.

Қабули фарзандони иштирокчиёни бартарафкунии оқибатҳои фоҷеаи Чернобил тибқи Қоидаҳои қабул ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фарзандони шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд (Қарори мушовараи Вазорати маориф аз 1 феврали соли 2010 таҳти №2/18) амалӣ мегардад.

Духтарон ва писароне, ки бевосита дар истеҳсолот кор мекунанд: нусха аз дафтарчаи меҳнатӣ, қарори Шӯрои меҳнатӣ ва роҳхати ҳукумати ноҳияро пешниҳод менамоянд.

**Қабули ҳуҷҷатҳо аз 20 июн то 31 июли соли 2012 идома меёбад.**

**Имтиҳон ба тариқи зайл баргузор мегардад:**

А) Санҷиши тестӣ, ки аз 4 блоки фаннӣ иборат мебошад:

- блоки I – иборат аз 40 савол аз фанни химия, ки 30-тои он ба шакли саволҳои тестии пӯшида ва 10-тои он ба шакли саволҳои тестии кушода (беҷавоб) мебошад ва ба ҳар як саволи дурусти саволҳои тестии пӯшида мутаносибан 2,0 хол ва ҳар як саволи тестии кушода 3,0 муқаррар шудааст;
- блоки II – иборат аз 40 савол аз фанни биология, ки 30-тои он ба шакли саволҳои тестии пӯшида ва 10-тои он ба шакли саволҳои тестии кушода (беҷавоб) мебошад ва ба ҳар як саволи дурусти саволҳои тестии пӯшида ва кушода мутаносибан 2,0 холӣ муқаррар шудааст;
- блоки III – иборат аз 20 савол аз фанни физика ва математика, ки 10-тои он (аз фанни физика) ба шакли саволҳои тестии пӯшида ва 10-тои он ба шакли саволҳои тестии кушода (5 савол аз физика ва 5 савол аз математика) мебошад ва ба ҳар як саволи дурусти саволҳои тестии пӯшида ва кушода мутаносибан 2,0 холӣ муқаррар шудааст;
- блоки IV – иборат аз 50 савол аз фанҳои забони модарӣ, адабиёт, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, ки 40-тои он ба шакли саволҳои тестии пӯшида ва 10-тои он ба шакли саволҳои тестии кушода (беҷавоб) мебошад ва ба ҳар як саволи дурусти саволҳои тестии пӯшида мутаносибан 1,0 хол ва ҳар як саволи тестии кушода 2,0 муқаррар шудааст;
- Дар маҷмӯъ довталаб метавонад аз имтиҳони тестӣ то 270 холро ба даст орад.

Санҷиши тестӣ бо забонҳои давлатӣ ва русӣ баргузор мегардад.

Дар сурати аз як блоки тестӣ нагирифтани хол баҳои тестӣ дар маҷмӯъ ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад.

Б) Имтиҳон аз забони давлатӣ аз навиштани диктант иборат мебошад ва он мутобиқи банди 18-уми «Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2011-2012», ки бо Қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2011 таҳти №5/3 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад. Довталабоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо забонҳои русӣ, ӯзбекӣ ва бо забони аққалиятҳои миллӣ хатм намудаанд, низ аз забони давлатӣ диктант менависанд.

Довталабоне, ки ба имтиҳони қабул ҳозир нашудаанд, баҳои ғайриқаноатбахш гирифташуда ҳисобида мешаванд.

Ба курси якум бе имтиҳон шахсони зерин қабул карда мешаванд:

- ***голибони ҷойи аввали озмуни ҷумҳуриявӣ аз рӯйи фанҳои химия ва биология, ки тавсияномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд.***
- ***шахсоне, ки мактаби таҳсилоти миёнаи умумиро бо медали тилло хатм намудаанд;***
- ***голибони ҷойи аввали олимпиадаҳои байналмилалӣ аз рӯйи фанҳои химия ва биология, ки тавсияномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд.***

***Ба курси якум бе имтиҳон дар асоси сӯҳбат шахсони зерин қабул карда мешаванд:***

- ***голибони ҷойи дуввуми озмуни ҷумҳуриявӣ аз рӯйи фанҳои химия ва биология, ки тавсияномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд;***
- ***голибони ҷойи дуюми олимпиадаҳои байналмилалӣ аз рӯйи фанҳои химия ва биология, ки тавсияномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд.***

Аз рӯйи натиҷаҳои қисматҳои якум ва дуввуми озмуни тестӣ ба шарти гирифтани холҳои муқарраршуда (мутаносибан ба баҳои «аъло» аз фанҳои химия ва биология) довталабони зерин қабул карда мешаванд:

- ***шахсоне, ки мактаби таҳсилоти миёнаи умумиро бо медали нуқра хатм намудаанд;***
- ***голибони ҷойи сеюми озмуни ҷумҳуриявӣ аз рӯйи фанҳои химия ва биология, ки тавсияномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд;***
- ***довталабоне, ки коллеҷҳои тиббиро бо дипломи «аъло» хатм намудаанд.***

Дар сурати ба холҳои муқарраршуда ноил нагаштани довталабони дар боло зикршуда онҳо имтиҳони хаттиро аз рӯйи қоидаҳои умумӣ месупоранд.

Бо гирифтани баҳои мусбат (на камтар аз 130 хол) аз имтиҳони қабул берун аз озмун қабул карда мешаванд:

- ***маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2, ки мувофиқи хулосаи тиббӣ –меҳнатӣ таҳсил кардани онҳо дар ихтисоси мазкур манъ карда нашудааст;***
- ***ятимони бе падару модар, тибқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ.***

**Нишонии мо: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 139,**
**Комиссияи қабул. Тел.: 224-45-83. Факс: 224-36-87.**
**E-mail: tajmedun@rambler.ru www.tgmu.tj**

---


## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1692/2-500 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 6 | 2.07.2012 соати $14^{00}$ |
| 1693/2-501 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Сӯзишвории дизелӣ L-62 | литр | 6000 | 21.06.2012 соати $14^{00}$ |
| 1694/2-502 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Гӯшти мурғ (окорочка)<br>Шири хушк | кг<br>кг | 1500<br>1500 | 21.06.2012 соати $14^{40}$ |
| 1695/3-390 | Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷорӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.06.2012 соати $15^{00}$ |
| 1696/3-391 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №22-и ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири синфхонаҳои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.06.2012 соати $15^{00}$ |
| 1697/3-392 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №57-и ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири биноИ асосӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.06.2012 соати $15^{20}$ |
| 1698/3-393 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Х.Исмоилов 227-04-75 | Ороиши кӯчаву хиёбонҳои ноҳияи Шоҳмансур | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 21.06.2012 соати $15^{30}$ |
| 1699/1-766 | Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сӯзишвории дизелӣ L-62 | тонна | 3000 | 21.06.2012 соати $16^{00}$ |
| 1112/1-504 | Кумитаи марказии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Масолеҳи сохтмонӣ | номгӯй | 10 | 21.06.2012 соати $16^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.



## Иҷрочиёни Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Савдои оммавии амволеро, ки аз тарафи иҷрочиёни суд ба ҳабс гирифта шудааст, 12 июли соли 2012 баргузор менамоянд:

Нуқтаи газпуркунӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Чорсу, масоҳати умумиаш -98 метри мураббаъ, арзиши ибтидоиаш 25000 сомонӣ.

Хоҳишмандон метавонанд барои иштирок дар савдо ва гирифтани маълумоти иловагӣ ба иҷрочиёни Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии **шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Ниёзӣ 37**, бо телефонҳои **227-84-56, 93-807-76-73** аз **соати $8^{00}$ то соати $17^{00}$** муроҷиат намоянд.

Оғози савдо – соати $10^{00}$. Маблағи пешпардохт барои иштирок дар музояда 5 фоизи нархи ибтидоии амволро ташкил медиҳад.



## ОБЪЯВЛЕНИЕ НА ЗАМЕЩЕНИЕ ВАКАНТНЫХ ДОЛЖНОСТЕЙ

**Центр управления Проектом развития муниципальной (коммунальной) инфраструктуры в Республике Таджикистан объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности:**

Главного специалиста по закупкам.

Квалификационные требования:

· высшее образование (юридическое, экономическое, деловое управление или инженерии);

· знание руководящих принципов и политики закупок Всемирного банка

· опыт закупочной работы в международных финансируемых проектах (предпочтительно Всемирный банк) не менее 3 лет;

· опыт в подготовке и реализации проектов;

· хорошие знания местных законов и процедур;

· хорошие способности к аналитической работе

· коммуникабельность и опыт ведения деловых переговоров

· знание таджикского, русского и английского языков;

· компьютерные навыки.

Подробное описание заданий можно получить в Центре управления Проектом.

Биография, копия диплома, резюме и др. документов должны быть доставлены до $17^{00}$ ч., 25 июня 2012 г. по адресу: **г. Душанбе, ул. Н. Карабаева, 56, ЦУП, 4-й этаж. Тел: 233 88 25, 233 13 30. Эл. почта: office@midp.tj**

# Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 11 июли соли 2012 музоядаи №16-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Бинои мағоза бо пахлусохтмони ҶСК «Сирандуд» | шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи №3, минтақаи саноатӣ | 40 000 |
| 2. | Бинои чойхонаи ҶСК «Панч-Кӯл» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 73 | 20 000 |
| 3. | Бинои нонвойхонаи ҶСК «Панч-Кӯл» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 73 | 5 000 |
| 4. | Бинои клуби ҶСК «Панч-Кӯл» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 73 | 30 000 |
| 5. | Бинои мағозаи нони ҶСК «Заводи хишти Панҷакент» | шаҳри Панҷакент, Ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан, деҳаи Кӯштеппа | 10 000 |
| 6. | Бинои клуб-ошхонаи ҶСК «Хуҷандатлас» | шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17 | 134 000 |
| 7. | Бинои ошхонаи ҶСК «Соҳибкор» | ноҳияи Ҳисор, хоҷагии Калинин, кӯчаи Комсомол | 10 000 |
| 8. | Чойхонаи ҶСК «С. Исоев» | ноҳияи Ҷ. Румӣ, шаҳраки С. Исоев, кӯчаи Советӣ | 25 000 |
| 9. | Чойхонаи ҶСК «С. Исоев» | ноҳияи Ҷ. Румӣ, Ҷамоати деҳоти Навобод | 15 000 |
| 10. | Павилон-ошхонаи ҶСК «Сомғор» | ноҳияи Б. Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Холматов | 30 000 |
| 11. | Анбори ҶСК «МНА-52» | шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Файзободи боло 1 | 15 000 |
| 12. | Бинои ошхонаи ҶСК «Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Боғистон | 10 000 |
| 13. | Бинои чойхонаи ҶСК «Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Боғистон | 80 000 |
| 14. | Бинои ошхонаи ҶСК «Спец -АТП – 1» | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Дарёобод | 25 000 |
| 15. | Бинои нонвойхонаи ҶСК «Пролетарский ГОК» | ноҳияи Ҷ. Расулов, кӯчаи Советӣ | 25 000 |
| 16. | Бозорчаи ҶСК «Пролетарский ГОК» | ноҳияи Ҷ. Расулов, кӯчаи Советӣ 1 | 50 000 |
| 17. | Бинои ошхонаи ҶСК «Қосимҷон» | ноҳияи Айнӣ, шаҳраки Айнӣ-1 | 3 000 |
| 18. | Бинои ошхонаи ҶСК «Бахтиёр» | ноҳияи Бохтар, кӯчаи Ҳақназари Кабуд | 30 000 |
| 19. | Бинои чойхонаи ҶСК «Шарбат» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 2 | 50 000 |
| 20. | Бинои ошхонаи ҶСК «Кимиёрӯзгор» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 205 | 30 000 |
| 21. | Бинои чойхона-ошхонаи ҶСК «Темурмалик» | шаҳри Қайроққум, кӯчаи Ленин 10 | 30 000 |
| 22. | Бинои чойхонаи ҶСК «Темурмалик» | шаҳри Қайроққум, кӯчаи Ленин 10 | 40 000 |
| 23. | Бинои ошхонаи ҶСК «Паррандапарвар-2» | ноҳияи Ҷ. Расулов, деҳаи Деҳмой | 30 000 |
| 24. | Бинои чойхонаи ҶСК «Пахтаи Шаҳритус» | ноҳияи Шаҳритус, кӯчаи Н. Хусрав, хонаи 6 | 30 000 |
| 25. | Бинои мағозаи ҶСК «Табак» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи К. Маркс 112 | 15 000 |
| 26. | Бинои ошхонаи ҶСК «Табак» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи К.Маркс 112 | 30 000 |
| 27. | Бинои ҳаммоми (сауна) ҶСК «Табак» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Худойбердиев 3 | 40 000 |
| 28. | Бинои ошхонаи ҶСК «Мостоспецстрой» | ноҳияи Рашт, деҳаи Сари Пул | 5 000 |
| 29. | Бинои чойхонаи ҶСК «Пахтаи Шаҳритус» | ноҳияи Шаҳритус, кӯчаи Носири Хусрав, хонаи 7 | 30 000 |
| 30. | Бинои меҳмонхонаи ҶСК «Носири Хусрав» | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Э. Ниёзов | 50 000 |
| 31. | Бинои қаҳвахонаи ҶСК «Шарбат» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ 2 | 70 000 |
| 32. | Бинои ошхонаи ҶСК «Кони намак» | ноҳияи Ашт | 30 000 |
| 33. | Бинои ҳаммоми ҶСК «Кони намак» | ноҳияи Ашт | 40 000 |
| 34. | Бинои ошхонаи ҶСК «Сайҳун» | шаҳри Конибодом, шаҳраки Калинин | 50 000 |
| 35. | Бинои хонаи истироҳатии ронандагони ҶСК «Сайҳун» | шаҳри Конибодом, шаҳраки Калинин | 100 000 |
| 36. | Ҳавзи сӯхторхомӯшкунии ҶСК «Баҳодур» | шаҳри Қӯрғонтеппа, кӯчаи Кайҳоннавардон 1 | 5 000 |
| 37. | Бинои ҳаммоми ҶСК «Баҳодур» | шаҳри Қӯрғонтеппа, кӯчаи Кайҳоннавардон 1 | 30 000 |
| 38. | Иншооти зиддисӯхтории ҶСК «Баҳодур» | шаҳри Қӯрғонтеппа, кӯчаи Кайҳоннавардон 1 | 3 000 |
| 39. | Гӯшаи сурхи ҶСК «Баҳодур» | шаҳри Қӯрғонтеппа, кӯчаи Кайҳоннавардон 1 | 10 000 |
| 40. | Вагон-хонаи ҶСК «Нафис» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев 133 | 3 000 |
| 41. | Бинои мағозаи ҶСК «АТП-35» | шаҳри Исфара, кӯчаи Ленин 9 | 15 000 |
| 42. | Бинои ошхонаи ҶСК «Авторем» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Р. Набиев 218 | 150 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 ва ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 4-52-91, 92-756-64-84.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати 10⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе донисташ мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74 , ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 4-52-91, 92-756-64-84,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW. muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI. TJ** гирифтан мумкин аст.

# Государственное унитарное предприятие по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

## 11 июля 2012 года проводит аукцион №16 по продаже недвижимости

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1. | Здание магазина с пристройкой ОАО «Сирандуд» | город Худжанд, 3-й микр. промзона | 40 000 |
| 2. | Здание столовой ОАО «Панч-Кул» | город Пенджикент, ул. Рудаки 73 | 20 000 |
| 3. | Здание лепешечной ОАО «Панч-Кул» | город Пенджикент, ул. Рудаки 73 | 5 000 |
| 4. | Здание клуба ОАО «Панч – Кул» | город Пенджикент, ул. Рудаки 73 | 30 000 |
| 5. | Здание хлебного магазина ОАО «Заводи хишти Панҷакент» | город Пенджикент, Сельский джамоат Халифа Хасан, село Куштеппа | 10 000 |
| 6. | Здание клуба – столовой ОАО «Хуҷандатлас» | город Худжанд, 17-й микрорайон | 134 000 |
| 7. | Здание столовой ОАО «Соҳибкор» | Гиссарский район, х-во Калинина, ул. Комсомол | 10 000 |
| 8. | Чайхана ОАО «С. Исоев» | район Дж. Руми, городок С. Исоев, ул. Советская | 25 000 |
| 9. | Чайхана ОАО «С. Исоев» | район Дж. Руми, Сельский джамоат «Навобод» | 15 000 |
| 10. | Павилон-столовая ОАО «Сомгар» | Б. Гафуровский район, Сельский джамоат Холматов | 30 000 |
| 11. | Склад ОАО «МНА-52» | город Куляб, мах. Файзободи боло 1 | 15 000 |
| 12. | Здание столовой ОАО «Шаҳринав» | Шахринавский район, Сельский джамоат Богистон | 10 000 |
| 13. | Здание чайханы ОАО «Шахринав» | Шахринавский район, Сельский джамоат Богистон | 80 000 |
| 14. | Здание столовой ОАО «Спец АТП – 1» | район Рудаки, Сельский джамоат Гулистон, село Дарёобод | 25 000 |
| 15. | Здание лепешечной ОАО «Пролетарский ГОК» | Дж. Расуловский район, ул. Совети | 25 000 |
| 16. | Рынок ОАО «Пролетарский ГОК» | Дж. Расуловский район, ул. Совети 1 | 50 000 |
| 17. | Здание столовой ОАО «Қосимҷон» | Айнинский район, городок Айни 1 | 3 000 |
| 18. | Здание столовой ОАО «Бахтиёр» | Бохтарский район, ул. Хакназари Кабуд | 30 000 |
| 19. | Здание чайханы ОАО «Шарбат» | город Пенджикент, ул. Рудаки 2 | 50 000 |
| 20. | Здание столовой ОАО «Кимиёрӯзгор» | город Душанбе, пр. Рудаки 205 | 30 000 |
| 21. | Здание чайханы-столовой ОАО Темурмалик» | город Кайраккум, ул. Ленина 10 | 30 000 |
| 22. | Здание чайханы ОАО «Темурмалик» | город Кайраккум, ал. Ленина 10 | 40 000 |
| 23. | Здание столовой ОАО «Паррандапарвар 2» | Дж. Расуловский район, поселок Дехмой | 30 000 |
| 24. | Здание чайханы ОАО «Пахтаи Шахритус» | Шахритусский район, ул. Носири Хусрав, дом 6 | 30 000 |
| 25. | Здание магазина ОАО «Табак» | город Пенджикент, ул. К. Маркса 112 | 15 000 |
| 26. | Здание столовой ОАО «Табак» | город Пенджикент, ул. К. Маркса 112 | 30 000 |
| 27. | Здание сауны ОАО «Табак» | город Пенджикент, ул. Худойбердиева 3 | 40 000 |
| 28. | Здание столовой ОАО «Мостоспецстрой» | Раштский район, село Сари Пул | 5 000 |
| 29. | Здание чайханы ОАО «Пахтаи Шахритус» | Шахритусский район, ул. Носири Хусрав, дом 7 | 30 000 |
| 30. | Здание гостиницы ОАО «Носири Хусрав» | Кабадиянский район, Сельский джамоат Э. Ниёзов | 50 000 |
| 31. | Здание Кафе ОАО «Шарбат» | город Пенджикент, ул. Рудаки 2 | 70 000 |
| 32. | Столовая ОАО «Кони намак» | Аштский район | 30 000 |
| 33. | Баня ОАО «Кони намак» | Аштский равон | 40 000 |
| 34. | Столовая ОАО «Сайхун» | город Канибадам, городок Калинина | 50 000 |
| 35. | Домик отдыха для водителей ОАО «Сайхун» | город Канибадам, городок Калинина | 100 000 |
| 36. | Бассейн ОАО «Баходур» | город Курган-Тюбе, ул. Кайхоннавардон 1 | 5 000 |
| 37. | Баня ОАО «Баходур» | город Курган-Тюбе, ул. Кайхоннавардон 1 | 30 000 |
| 38. | Противопожарное здание ОАО «Баходур» | город Курган-Тюбе, ул. Кайхоннавардон 1 | 3 000 |
| 39. | Красный уголок ОАО «Баходур» | город Курган-Тюбе, ул. Кайхоннавардон 1 | 10 000 |
| 40. | Вагон-домик ОАО «Нафис» | город Душанбе, ул. Н. Хувайдуллоева, 133 | 3 000 |
| 41. | Здание магазина ОАО «АТП-35» | город Исфара | 15 000 |
| 42. | Здание столовой ОАО «Авторем» | город Душанбе, ул. Р. Набиева 218 | 150 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Метод проведения: **английский**. Время проведения: **10⁰⁰ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 и г.Худжанд, ул.Ленина 47/1, тел: 4-52-91, 92-756-64-84.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г.Худжанд, ул.Ленина 47/1, тел: 4-52-91, 92-756-64-84**, на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW. muzoyada-kvd tj**, а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. **WWW.GKI. TJ**

# Ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» хатсайри нави Хуҷанд – Бишкек – Хуҷандро ифтитоҳ менамояд




Парвозҳо дар хатсайри нав ҳафтае як маротиба - рӯзҳои душанбе тавассути ҳавопаймои Боинг 737-500 сурат мегиранд. Вақти парвоз аз фурудгоҳи Хуҷанд соати 11⁰⁰ муқаррар гардида, давомнокии парвоз як соатро ташкил медиҳад. Арзиши чипта - 130 евро. Парвози нахустин дар хатсайри Хуҷанд - Бишкек - Хуҷанд санаи 11-уми июн роҳандозӣ мешавад.

Аз фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд ҶСК «Тоҷик Эйр» айни замон ба самти Москва, Новосибирск, Санкт-Петербург ва Алма-ато парвозҳо анҷом медиҳад.

## БУНЁДИ МИЛЛИИ ИҶТИМОИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН (БМИМТ) ДАЪВАТ БАРОИ ИШТИРОК КАРДАН ДАР САВДО-ОЗМУНҲО

**Санаи даъват: «18» июни соли 2012**
**№Шартнома: KFWII-26**
**№ Грант: BMZ №2005 66 315**

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бонки олмонии рушд дар доираи Барномаи KFW (Фондҳои ҷамоавӣ барои мусоидати рушди маълумоти асосӣ ва барқарорсозии инфраструктураи коммуналӣ) Гранти BMZ №2005 66 315 гирифт. Дар назар аст, ки як қисми маблағҳои ин грант дар доираи шартномаи KFWII-26 бо мақсади пардохт барои татбиқи лоиҳаи ҷамоавии:

**KFW II-26 «Сохтмони бинои таълимии дуошёнаи 8 синфхона дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №4, деҳаи Тутқавул, Ҷамоати деҳоти Пули Сангин, шаҳри Норак»** харҷ карда шавад.

2. Супоришдиҳанда - **Ассотсиатсияҳои волидайну омӯзгорони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №4, деҳаи Тутқавул, Ҷамоати деҳоти Пули Сангин, шаҳри Норак** ва маблағгузор - Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон (БМИМТ) **ташкилотҳои сохтмонии аз интихоби пешакӣ гузаштаро** даъват менамоянд, ки пешниҳодоти озмунии пӯшидаро барои иштирок намудан дар озмуни интихобӣ барои иҷрои лоиҳаи KFW II-26 манзур намоянд.

Иштирокчиёни савдо-озмун бояд Иҷозатномаи ҳуқуқи иҷроиши корҳои сохтмонӣ-васлкуниро дошта бошанд.

3. Ҳуҷҷатҳои савдо-озмун ва нусхаҳои иловагии онро бо пардохти бебозгашт ба маблағи 300 (сесад) сомонӣ барои ҳар як бастаи ҳуҷҷатҳо аз суроғаҳои зерин дастрас кардан мумкин аст: **дафтари минтақавии БМИМТ, ш.Кӯлоб , кӯч. Н.Ҳувайдуллоев, 9/**14.

Маълумоти иловагиро низ аз ҳамин суроға дастрас кардан мумкин аст.

4. Конфронсҳои пешазозмунӣ барои лоиҳаи **KFW II-26 рӯзи 3-уми июли соли 2012, соати 11⁰⁰, дар бинои мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №4, деҳаи Тутқавул, Ҷамоати деҳоти Пули Сангин, шаҳри Норак** баргузор мегардад.

5. Пешниҳодҳо бояд аз рӯйи қолаби стандартӣ, дар бастаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ **на дертар аз соати 14⁰⁰ рӯзи 18-уми июли соли 2012** ба суроғаи зайл пешниҳод шаванд: **ш.Душанбе, кӯчаи Шотемур 27, ошёнаи 2, утоқи 9 Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**, ки он ҷо дар ҳузури иштирокчиёни озмун ва намояндагони **Ассотсиатсияҳои волидайну омӯзгорони мактабҳо** аз тарафи комиссияи тендерии **Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон** кушода мешавад.

6. Пешниҳодҳои озмунӣ пас аз кушодан бояд муддати 45 рӯз эътибор дошта бошанд. Пешниҳоди озмунӣ бояд аз рӯйи қолаби стандартии «Замонати бонкӣ барои пешниҳодҳои озмунӣ» ба андозаи на кам аз 50,0 ҳазор сомонӣ замонати бонкӣ дошта бошад.

Маълумотҳоро тавассути телефонҳои БМИМТ гирифтан мумкин аст:

дар ш. Душанбе: (8-992-37) 221-31-08, 221-68-44,
дар ш.Қӯрғонтеппа: (8-3222) 3-60-43/ 3-61-73.
дар ш. Кӯлоб: (8-3322) 2-66-66
e-mail: spap@nsift.tojikiston.com; http://www.nsift.tojikiston.com/

## SPECIFIC PROCUREMENT NOTICE

***The Republic of Tajikistan***
***Additional Financing for Municipal Infrastructure Development Project***
***Procurement of gabion wire mesh***
***Contract/Bid No. AF MIDP 017***

The Republic of Tajikistan has received financing from the World Bank toward the cost of the Additional Financing for Municipal Infrastructure Development Project, and it intends to apply part of the proceeds toward payments under the contract for Procurement of Gabion wire mesh. The Project Management Unit (PMU) now invites sealed bids from eligible bidders for AF MIDP 017 Procurement of Gabion wire mesh. The delivery period shall not exceed 30 days.

Bidding will be conducted through the international competitive bidding procedures as specified in the World Bank's Guidelines: Procurement of Goods, Works, and Non-Consulting Services under IBRD Loans and IDA Credits & Grants by World Bank Borrowers, January 2011, and is open to all eligible bidders as defined in the guidelines.

Interested eligible bidders may obtain further information from and inspect the bidding documents from the PMU at the address below during office hours from 09:00 a.m. to 16:00 p.m. from Monday to Friday. A complete set of bidding documents in English may be purchased by interested bidders on the submission of a written application to the address below and upon payment of a nonrefundable fee of USD 100.00 or TJS 480.00. The method of payment will be in cash or transfer to the following account:

Orienbank OJSC, Dushanbe, Tajikistan,
95/1 Rudaki Ave.
Acc. # 36112549 UNIV - ID 364244
Acc. # 20206840616901000423
Swift OTJK TJ 22
Intermediary CITI BANK NEW YORK, NA
NEW YORK, USA
SWIFT CITI-US-33
PMU
4th floor,
Mr. J. Tabarov, PMU Director
56 Karabaev Str, Dushanbe,
Republic of Tajikistan
Tel: (992372) 33 57 63/ 33 13 30/ 33 14 98;
Fax: (992372) 33 13 30;
E-mail: office@midp.tj

The document will be sent by airmail for overseas delivery and surface mail or courier for local delivery, or by email (in PDF).

All bids must be accompanied by a bid securing declaration, and be delivered to the address below by June 28, 2012, 02:00 p.m. They will be opened immediately thereafter, in the presence of bidders' representatives, who choose to attend, at the address below. Late bids will be rejected.

Attention: State Committee on Investments and State Property Management of the Republic of Tajikistan,

**Address: 27 Shotemur Street**
**Floor-Room Number: 2nd floor, room 22**
**City: Dushanbe**
**ZIP Code: 734025**
**Country: Republic of Tajikistan.**

## ЭЪЛОН

ҶДММ «Контимпекс таъминот» дар асоси қарори Маҷлиси умумии ғайринавбатии муассисонаш аз хусуси кам кардани фонди оинномавиаш, ки 48 000000 (чилу ҳашт миллион) сомониро ташкил медод, хабар медиҳад.

Айни ҳол фонди оинномавии ҶДММ «Контимпекс таъминот» 4800 000 (чор миллиону ҳаштсад ҳазор) сомониро ташкил мекунад.

## Барҳам мехӯрад

➢ Корхонаи дорои масъулияташ маҳдуди (КДММ) «Гурдофарид», ки дорои гувоҳномаи №90 бо РМА 090000992 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 27 феврали соли 2003 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢ ҶДММ «Алос», воқеъ дар ноҳияи Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Навобод, деҳаи Лолагӣ, бо РМА 090008154, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

## Эътибор надорад

➢ Шаҳодатномаи нафақаи гумшудаи № 11110, ки онро Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе соли 2003 ба Зауров Рустам Худойдодович додааст, эътибор надорад.

➢ Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи № ДО 7311, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемур ба Наҷ-миддинов Фирдавс Достиевич додааст, эътибор надорад.

➢ Шаҳодатнома оид ба қонунигардонии молу мулкӣ тахти №2015-и гумшуда, ки онро комиссия оид ба қонунигардонии молу мулки Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав 29 майи соли 2009 ба Нафтулоева Фазила Явқочовна додааст, эътибор надорад.

➢ Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №393102, ки онро Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ соли 2002 ба Ҷумаев Файзиддин додааст, эътибор надорад.

➢ Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ 19 марти соли 2008 таҳти феҳристи №1Ш-236 бо суроғаи Варзоб ГЭС, хонаи №12 ба Одинаев Хуршед Сафармамадович додааст, эътибор надорад.

➢ Шиносномаи техникии гумшудаи №2333, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, шаҳраки Варзоб ГЭС, хонаи №12 20 апрели соли 2005 ба Халилов Ато Ҷалилович додааст, эътибор надорад.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
**Садои мардум**

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 11 июни соли 2012, соати 19.50 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26647 нусха*

*Навбатдори шумора* Неккадамов Т.

*Тарроҳи компютерӣ* И. Самохин